*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14,*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Визода Шавкат Шаробудин ба диссертатсияи Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар мавзуи «Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

**1.Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Исҳоқӣ Д.И. дар мавзуи «Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бандҳои б. 10.1. – Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; б. 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ; бю 10.15 Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ; б. 10.18. Проблемаҳои мувофиқсозии ташаккул ва инкишофи системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; б. 10.22. – Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити муосир, рақамикунонии раванди иҷрои кору хизматрасониҳо унсури муҳими рушди устувори тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, бахусус низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Рушди бонкдории рақамӣ ба тавсеаи доираи хизматрасониҳо, баланд бардоштани дастрасии онҳо, кам кардани хароҷоти амалиётӣ, суръат бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва ташаккули моделҳои нави ҳамкорӣ бо мизоҷон мусоидат мекунад. Дар ин замина, такмили амалиёти бонкии рақамӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоса пайдо мекунад, зеро навсозии бахши молиявию қарзӣ аз нигоҳи истифодаи васеи

технологияҳои инноватсионию рақамӣ ҳамчун самти муҳими сиёсати иқтисодии давлатӣ муайян гардидааст.

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои муҳим ва самаранок дар самти рақамикунонии иқтисодиёт ва густариши истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ амалӣ шуда истодаанд, ки дастовардҳои соҳаи бонкӣ дар ин ҷодда назаррас мебошад. Инчунин, дар ҳуҷҷатҳои стратегию барномавии сатҳи миллӣ ва соҳавӣ, бахусус Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2021-2025, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ба ташаккули инфрасохтори муосири рақамӣ дар бахши бонкӣ, вусъат бахшидан ба истифодаи амалиётҳои рақамии бонкӣ аз ҷониби бахши хусусӣ ва аҳолӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи фарогирии молиявӣ таъкид карда шудааст. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз дастовардҳои назарраси рақамӣ дар бахши бонкӣ, бахусус таҳияи барномаҳои муосири мобилӣ, васеъ кардани шабакаи POS-терминалҳо, истифодаи системаҳои хизматрасонии бонкии фосилавӣ ва ғайраҳо), ҳоло ҳам сатҳи рақамикунонӣ дар ташкилотҳои қарзӣ нокифоя ва нобаробар боқӣ мемонад.

Мушкилоти асоси дар самти рушди нокифояи бонкдории рақамӣ инҳо мебошанд: маҳдудияти инфрасохтори технологӣ, махсусан дар минтақаҳои дурдаст; сатҳи пасти донишҳои аҳолӣ оид ба истифодаи амалиётҳои рақамӣ; заминаи заифи ҳуқуқӣ ва меъерӣ, ки ҳисобҳои электронӣ ва амнияти кибериро танзим мекунад; инчунин норасоии кадрҳои баландихтисос дар самти таҳия ва идоракунии технологияҳои молиявӣ.

Дар шароити ҳамгирои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба равандҳои молиявии ҷаҳонӣ, тақвияти ҳаракати фаромарзии сармоя ва рақобат аз ҷониби ташкилотҳои қарзии хориҷӣ, рушди қарорҳои муосири рақамӣ шарти муҳими баланд бардоштани самаранокӣ ва устувории бонкҳои ватанӣ мегардад. Дар робита ба ин, таҳлили ҳамаҷонибаи илмии ҳолат, мушкилот ва дурнамои такмили бонкдории рақамӣ, инчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии рақамии бахши бонкӣ муҳим шуморида мешавад.

Ҳамин тариқ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ дорад, зеро он ба муайян кардани самтҳои баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои бонкии рақамӣ равона шудааст, ки дар ниҳоят ба таҳкими низоми молиявӣ ва рушди иҷтимоию

иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**3.Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**. Навгонии илмии диссертатсияи Исҳоқӣ Дилшод дар мавзуи «Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» коркарди муқаррароти назариявӣ, методӣ ва консептуалӣ, ки рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ бо назардошти хусусиятҳои низоми бонкии ватанӣ равона карда шудаанд, ба шумор меравад.

Натиҷаҳои асосие, ки аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқот ба даст омадааст ва ҳамчун навгонии илмӣ пешниҳод шудааст, инҳоро дар бар мегиранд:

–муаллиф дар асоси омӯзиши ҷанбаҳо ва консепсияҳои назариявии ташаккул ва рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ кӯшиши мукаммалгардонии заминаи илмӣ-назариявии он анҷом дода шудааст; бо назардошти хусусиятҳои миллӣ аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии он муайян гардида, дар заминаи он тафсири муаллифии мафҳуми «амалиётҳои рақамии бонкӣ» пешниҳод шудааст, ки зери он консепсияи фаъолияти ташкилоти қарзӣ, ки тибқи он мизоҷон хизматрасониҳоро бо роҳи алтернативӣ, тавассути истифодаи технологияҳо ва таҷҳизотҳои гуногуни рақамӣ амалӣ мегардонанд, фаҳмида мешавад;

– чуноне, ки аз раванди таҳияи кори худ муаллиф зимни таҳлили ҳолати муосири низоми бонкӣ маълум кард, ки ҳаҷми амалиётҳои рақамии бонкӣ зиёд гашта истодааст, аммо суръати рушди он нокифоя арзёбӣ гардида, имкониятҳои афзун намудани он тариқи баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, вусъат додани кор аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ва инчунин тавасути ташкили ҳукумати электронӣ, таъсиси Вазорати рақамикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёт ошкор карда шудаанд;

– аз ҷониби диссертант бо дарназардошти аҳамияти стратегӣ доштани равандҳои рақамикунонӣ махсус нақши давлат қайд шудааст; дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ муҳиммияти дар сатҳи олӣ қарор доштани масъалаи рақамикунонии иқтисодиёти мамлакат тасдиқ карда шудааст ва дар ин замина пешниҳоди ба ҳайси ҳадафи панҷуми стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ асоснок карда шудааст;

– дар асоси таҳияи рисолаи худ аз ҷониби муаллиф пешниҳодҳо оид ба мукаммалгардонии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, бо мақсади оммавӣ намудани

амалиётҳои рақамии бонкӣ тартиб дода, механизмҳои амалӣ намудани онҳо тавассути ташкил намудани намудҳои нави ташкилоти қарзӣ – бонкӣ рақамӣ ё необонк пешниҳод карда шудааст; ҷиҳати таъмини суботи молиявӣ ва фаъолияти муътадили низоми бонкӣ зарурияти ба муомиллот баровардани пулҳои рақамӣ – «сомонии рақамӣ» қайд шудааст;

– муаллиф дурнамои рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ тавассути истифодаи технологияҳои муосири технологӣ-бонкӣ, ки амалиётро бидуни истифодабарии ҷисмонии корти пардохтӣ ба анҷом мерасонад, муайян карда шуданд; зарурати таҳия ва ҷорӣ намудани механизми пешниҳоди қарздиҳии рақамӣ, ворид намудани имконияти истифодаи гарави рақамӣ ва суғуртакунонии рақамӣ асоснок карда шуд; рушди нишондиҳандаҳои асосии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешгӯйӣ кардааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

– асосоҳои назариявии амалиётҳои рақамии бонкӣ таҳқиқ шуда, моҳият ва зарурияти онҳо муайян гардида, дар ин асос тафсири муаллифии мафҳуми «амалиётҳои рақамии бонкӣ» пешниҳод шудааст;

– таҳлили ҳолати имрӯзаи низоми бонкӣ ва амалиётҳои рақамии бонкӣ гузаронида шуда, муаммоҳои ҷойдошта мушаххас гардида, роҳи ҳалли онҳо пешниҳод шудаанд;

– нақши давлат дар равандҳои рақамикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда, зарурияти ташкили Ҳукумати электронӣ асоснок гардидааст;

– пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили заминаи меъёрию-ҳуқуқии танзими амалиётҳои рақамии бонкӣ пешниҳод гардида, роҳҳои амалӣ намудани онҳо асоснок шудаанд;

– дурнамои рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ муайян карда шуда, механизмҳои мукаммалгардони равандҳои рақамикунонӣ дар ташкилотҳои қарзии ватанӣ муайян карда шуданд.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот муайян шудааст, ҳадаф ва вазифаҳо, инчунин объект ва предмети кори илмӣ ошкор карда шудааст, нуктаҳои асосии навгонии илмӣ баён гардидаанд, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада исбот шудааст, маълумот дар бораи санҷиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин нашри натичаҳои асосии кори диссертасионӣ оварда шудааст.

**Дар боби якум – «Асосҳои назариявии ташаккулёбии амалиётҳои рақамии бонкӣ»** моҳият ва зарурияти амалиётҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ,

аҳамияти иқтисодии амалиётҳои рақамӣ дар шароити муосир ва таҷрибаи хориҷии рушд ва танзими амалиётҳои рақамии бонкӣ омӯхта шудааст.

Дар зербоби аввали боби мазкур муаллиф асосҳои назариявии амалиёти бонкии рақамиро баррасӣ намуда, тасниф ва хусусиятҳои асосии онҳоро муайян кардааст. Аз ҷумла, табиати амалиёти рақамӣ ҳамчун қисми ҷудонопазири фаъолияти муосири бонкӣ таҳқиқ карда мешавад, хусусиятҳои фарққунандаи онҳо дар муқоиса бо маҳсулоти анъанавии бонкӣ ошкор карда шудааст. Ба дастгоҳи мафҳумӣ диққати махсус дода мешавад: истилоҳҳое ба монанди "бонкдории рақамӣ", "финтех", "хизматрасонии бонкии электронӣ" мушаххас ва асоснок карда шудааст, ки ба ташаккули заминаи дақиқи илмӣ барои таҳлили минбаъда мусоидат мекунанд. (с. 13-18)

Илова бар ин, дар ин сархат зарурати рушди амалиёти бонкии рақамӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт асоснок карда шудааст. Муаллиф омилҳои асосии мусоидат ба тағйирёбии рақамиро дар соҳаи бонкӣ, аз ҷумла навовариҳои технологӣ, тағйир додани афзалиятҳои истеъмолкунандагон, афзоиши рақобат ва ҳамгирой бо платформаҳои молиявии ҷаҳонӣ қайд мекунад. Шартҳои асосии рақамисозӣ дар бахши бонкӣ, аз ҷумла рушди технологияҳои мобилӣ ва интернетӣ, афзоиши талабот ба хизматрасониҳои молиявии фосилавӣ ва зарурати баланд бардоштани самаранокии амалиётӣ баррасӣ карда мешаванд. (с. 19-24)

Дар зербоби дуюми боби якум, диссертант аҳамияти иқтисодии амалиёти бонкии рақамиро дар шароити муосир таҳқиқ мекунад. Нишон дода шудааст, ки технологияҳои рақамӣ дар бонкдорӣ ба коҳиш додани хароҷоти муомилот, суръат бахшидан ба ҳисоббаробаркунӣ, шаффофияти амалиёти молиявӣ ва васеъ кардани дастрасӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ ҳам барои шахсони воқей ва ҳам барои шахсони ҳуқуқӣ таъсири назаррас доранд. Инчунин, нақши қарорҳои рақамӣ дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва таъмини устувории онҳо дар шароити афзоиши рақобат таъкид карда мешавад. (с. 25-34)

Инчунин дар зербоби мазкур таъсири бонкдории рақамӣ ба сатҳи фарогирии молиявӣ ошкор карда шудааст, ки ин махсусан барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳим аст. Муаллиф самтҳоеро таҳлил кардааст, ки рақамикунонӣ ба коҳиш додани монеаҳо дар дастрасӣ ба маҳсулоти бонкӣ, васеъ кардани пойгоҳи муштариён ва инчунин фаъолсозии фаъолияти иқтисодии аҳолӣ мусоидат мекунад. Хулоса бароварда мешавад, ки амалиёти бонкии рақамӣ омили муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мегардад. (с. 35-37)

Дар зербоби сеюми боби якум таҷрибаи хориҷии рушд ва танзими амалиети бонкии рақамиро баррасӣ кардааст. Муаллиф таҳлили муқоисавии стратегияҳои рақамии кишварҳо ва минтақаҳои пешрафта, ба монанди иттиҳоди Аврупо, ИМА, Чин, Инчунин давлатҳои ИДМ-ро анҷом додааст. Равишҳои асосии табдили рақамии бахши бонкӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани платформаҳои рақамӣ, рушди экосистемаҳои финтех ва истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ, блокчейн ва маълумоти калон (Big Data) тавсиф карда шудаанд. (с. 38-45)

Дар зербоби мазкур инчунин ба ҷанбаҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии танзими амалиёти рақамӣ дар амалияи хориҷӣ диққати махсус дода шудааст. Муаллиф моделҳои назорати хизматрасониҳои рақамӣ, механизмҳои таъмини амнияти киберӣ, ҳифзи маълумоти шахсии муштариён ва инчунин ҳавасмандгардонии навовариҳоро дар бахши молиявӣ омӯхтааст. Дар асоси таҳлил хулосаҳо дар бораи татбиқи қарорҳои алоҳидаи хориҷӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусияти миллӣ ва сатҳи рушди инфрасохтори бонкӣ бароварда шуданд. (с. 46-54)

**Дар боби дуюм – «Таҳлили ҳолати муосири амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** – таҳлили низоми бонкии ватанӣ дар шароити рақамикунонӣ анҷом дода шуда, арзёбии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ва ҳолати муосири инфрасохтори амалиётҳои рақамии бонкӣ муайян карда шудааст.

Муаллиф дар доираи боби мазкур ҳолати муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити рақамикунонӣ таҳлил карда, хусусиятҳои сохтори институтсионалии бахши бонкӣ, сатҳи консентратсияи он, дараҷаи иштироки давлат ва сармоягузорони хориҷӣ, инчунин тамоюлҳои рушд дар солҳои охир баррасӣ кардааст ва инчунин ба таъсири равандҳои рақамӣ ба сохтори ташкилии бонкҳо, моделҳои хизматрасонӣ ба мизоҷон ва рушди каналҳои нави ҳамкорӣ диққати махсус дода мешавад. (с. 55-66)

Таҳлил мушкилот ва маҳдудиятҳои калидиро, ки раванди рақамисозии низоми бонкиро ҳамроҳӣ мекунанд, аз ҷумла парокандагии қарорҳои IT, норасоии кадрҳои соҳибихтисоси ТИК ва сатҳи нокифояи саводнокии рақамии аҳолиро муайян кардааст. Муаллиф инчунин ба масъалаҳои танзими меъёрии ҳуқуқии амалиёти рақамӣ дахл карда, ба камбудиҳои мавҷуда ва зарурати такмили муҳити танзимкунанда барои рушди устувори бонкдории рақамӣ дар кишвар ишора кардааст. Дар натиҷаи таҳқиқот, муаллиф ба хулосае меояд, ки сарфи назар аз дастовардҳои муайян, сатҳи рушди бонкдории рақамӣ нобаробар боқӣ мемонад ва асосан дар бонкҳои калон бо

иштироки хориҷӣ ва минтақаи пойтахт мутамарказ шудааст. Бонкҳои хурд ва минтақавӣ одатан аз суръати қабули қарорҳои рақамӣ ақиб мемонанд, ки ин аз зарурати баробар кардани шароити рушди рақамӣ ва баланд бардоштани камолоти умумии рақамии бахши бонкӣ шаҳодат медиҳад. (с. 66-78)

**Дар боби сеюм - «Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии ватанӣ»** – тадбирҳои вусъат бахшидани рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ пешниҳод карда шудаанд; ташкили бонкҳои рақамӣ ё необонкҳо ҳамчун сохтори нав дар низоми бонкии ватанӣ асоснок карда шудаанд; дурнамои рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян карда шудааст.

Дар зербоби якуми боби мазкур муаллиф вазъи кунунии инфрасохтори амалиёти бонкии рақамиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст. Ҷузъҳои асосии инфрасохтори рақамӣ, аз ҷумла платформаҳои нармафзори бонкӣ, системаҳои пардохтҳои электронӣ, шабакаи банкоматҳо ва терминалҳо, инчунин мавҷудияти каналҳои алоқа ва дастрасӣ ба интернет дар минтақаҳои гуногуни кишвар баррасӣ карда шуданд. (с. 101-108)

Муаллиф қайд мекунад, ки рушди инфрасохтор ғайриритмӣ аст ва бо як қатор маҳдудиятҳо рӯ ба рӯ мешавад, ки дар байни онҳо арзиши баланди технологияҳо, фарогирии заифи шабакаҳои интернетӣ дар минтақаҳои дурдаст, инчунин набудани экосистемаи ягонаи платформавӣ. Дар баробари ин, тамоюлҳои мусбати марбут ба дастгирии рақамикунонӣ аз ҷониби давлат ва институтҳои байналмилалии молиявӣ таъкид карда мешаванд. Хулоса бароварда шуд, ки татбиқи тадбирҳои ҳамаҷониба оид ба навсозии инфрасохтори рақамии низоми бонкӣ барои таъмини рушди устувори он зарур аст. (с. 113-137)

Дар зербоби **Хулоса ва пешниҳодҳо** маҷмуӣ хулосаҳои назариявӣ методологӣ- методӣ ва тавсияҳо амалӣ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидаанд (с. 148-159).

**4.Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дар диссертатсия ҳамчун асосҳои назариявии таҳқиқот асарҳои бунёдии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар самти такмили амалиётҳои рақамии бонкӣ ба таври васеъ истифода гардидаанд, ки аз баррасии фарохи муаллиф гувоҳӣ медиҳад.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф усулҳои таҳлили маҷмуӣ ва диалектикӣ, ки усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯйӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода кардааст.

Заминаи иттилоотии таҳқиқотро маълумотҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон, Паёмҳо ва баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи бонкӣ, таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хулосабандии мутахассисони соҳа, маводҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ доир ба амалиётҳои рақамии бонкӣ ба таври васеъ истифода шудаанд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти илмии диссертатсия дар васеъгардонии ҷанбаҳои таҳқиқии илмию назариявии такмили амалиётҳои рақамии бонкӣ зоҳир гардидааст. Он метавонад дар ҷустуҷӯйи роҳҳои нави такмили механизми амалиётҳои рақамии бонкӣ истифода гардад ва асосҳои назариявии масъалаи мазкурро тақвият бахшад. Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд барои такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, такмили танзим ва назорати амалиётҳои рақамии бонкӣ, мукаммалнамоии он бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ ва устувории ташкилотҳои қарзӣ истифода шаванд.

Инчунин, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар раванди таълим дар мактабҳои олӣ ва тадриси фанҳои тахассусӣ аз фанҳои «Кори бонкӣ», «Ташкили фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон», «Идоракунии бонкӣ» ва «Низоми бонкӣ» васеъ истифода шаванд.

**Аҳамияти амалии диссертатсия.** Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии амалиётҳои рақамии бонкӣ ҳамчун омили мусоидаткунанда ба рушди иқтисодиёти рақамӣ, танзим, назорат ва такмили минбаъдаи он бо мақсади рушди устувори низоми бонкӣ, паст намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, аз тарафи мақомоти дахлдори давлатӣ истифода бурда шаванд.

**Аҳамияти иқтисодии диссертатсия.** Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ аҳамияти назарраси иқтисодӣ доранд. Пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар кор таҳияшуда ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ҷорӣ намудани қарорҳои муосири рақамӣ равона карда шудаанд. Ин, дар навбати худ, ба кам шудани хароҷоти амалиётӣ, суръат бахшидани амалиёти молиявӣ, васеъ кардани доираи хизматрасониҳои пешниҳодшуда ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии бонкӣ мусоидат мекунад.

Татбиқи амалии хулосаҳои диссертатсия метавонад ба беҳтар шудани фарогирии молиявии аҳолӣ, хусусан дар минтақаҳои дурдаст ва суст рушдёфта, тавассути дастрасии каналҳои рақамии ҳамкорӣ бо бонкҳо мусоидат кунад. Илова бар ин, афзоиши рақамисозӣ ба ҷалби муштариёни нав, баланд бардоштани эътимод ба низоми бонкӣ ва васеъ кардани бозори дохилии хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат мекунад. Таҳкими инфрасохтори рақамии низоми бонкӣ инчунин муқовимати онро ба шокҳои беруна баланд мебардорад ва ба таъмини суботи молиявӣ дар кишвар дар маҷмӯъ мусоидат мекунад.

**Аҳамияти иҷтимоии** диссертатсия аз он вобаста аст, ки он ба баланд бардоштани дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои бонкӣ барои табақаҳои васеи аҳолӣ тавассути рушд ва такмили технологияҳои рақамӣ равона карда шудааст. Дар шароите, ки қисми зиёди аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дар ноҳияҳои дурдаст ва деҳот бо дастрасии маҳдуд ба хизматрасониҳои анъанавии бонкӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ҷорӣ намудани қарорҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки монеаҳои ҷуғрофӣ ва инфрасохторӣ бартараф карда шуда, ба ин васила фарогирии молиявӣ афзоиш ёбад.

Татбиқи пешниҳодҳои дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда ба тавсеаи саводнокии рақамии аҳолӣ, ташаккули малакаҳои истифодаи бехатари технологияҳои молиявӣ, баланд бардоштани эътимод ба низоми бонкӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз гардиши пули нақд мусоидат мекунад. Ин, дар навбати худ, ба баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандон, ҳавасмандгардонии соҳибкории хурду миена ва мусоидат ба ҳалли масъалаҳои адолати иҷтимоӣ ва рушди устувор таъсири мусбат мерасонад. Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионӣ хусусияти иҷтимоӣ дорад ва ба самтҳои афзалиятноки сиесати давлатӣ дар соҳаи тағиребии рақамӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои диссертатсия дар 11 адад мақолаҳои илмӣ, инчунин 7 мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, нашр гардида, пурра ба талабот ҷавобгуй мебошанд.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертасия ба талаботҳои Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Барасмиятдарории диссертасия ба бандҳои меъёрии барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ва дигар талаботҳои Низомномаи Шурои диссертатсионӣ оиди «Тартиби додани дараҷаи илмӣ", ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267» тасдиқ шудааст, инчунин талаботҳои дигари КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ва ҷавобгӯй аст.

**8. Эродҳо оид ба тадқиқоти диссертатсионӣ**

Дар баробари паҳлӯҳои мусбии рисолаи диссертатсионӣ, он дорои камбудиҳо ва хатогиҳо мебошад, инчунин:

Норасогиҳои номбаршуда характери тавсиявӣ дошта ба сифати диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад.

1. Ҳангоми таҳқиқи аҳамияти иқтисодии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар шароити муосир аз ҷониби муаллиф бештар ба масъалаи бартарияти амалиётҳои рақамии бонкӣ таваҷҷуҳ карда шуда, нишондиҳандаҳои рақамии инъикоскунандаи аҳамияти иқтисодии ин раванд, бахусус коҳиш ёфтани нархи амалиётҳои бонкӣ ба таври зарурӣ дарҷ нагардидааст.

2. Таҷрибаи хориҷии рақамикунонии бахши бонкӣ хеле муфассал тавсиф шудааст, аммо таҳлили татбиқи он ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтасар шарҳ дода шудааст. Ба назар гирифтани механизмҳои мутобиқсозии таҷрибаҳои беҳтарин бо назардошти хусусиятҳои институтсионалии низоми молиявии миллӣ мақсаднок аст.

3. Бо вуҷуди мавҷудияти тавсияҳои асоснок, баъзе пешниҳодҳо хусусияти умумӣ доранд ва аз нуқтаи назари механизмҳои татбиқ, воситаҳои мушаххас ва манбаъҳои имконпазири маблағгузорӣ такмилро талаб мекунанд. Аз ҷумла, масъалаҳои ҳамоҳангсозии институтсионалии рақамисозӣ байни мақомоти давлатӣ, бонкҳо ва ширкатҳои IT пурра ошкор карда нашудаанд.

4. Дар баъзе ҷадвалҳои овардашуда, муаллиф нишондиҳандаҳои 5 соларо таҳлил кардааст. Хуб мешуд, агар муаллиф ҳадди ақал нишондиҳандаҳои 8-10 соларо ба таҳлил фаро мегирифт.

5. Дар рисола хавфҳо ва таҳдидҳои эҳтимолии марбут ба рақамисозии амалиёти бонкӣ ба таври кофӣ инъикос нашудаанд. Масъалаҳои амнияти киберӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ, инчунин хатарҳои марбут ба вайроншавии технологӣ ва вобастагӣ аз провайдерҳои берунии IT амалан баррасӣ карда намешаванд.

6. Дар кор арзёбии маҳдуди таъсири бонкдории рақамӣ ба категорияҳои гуногуни муштариён - шахсони воқеӣ, тиҷорати хурд ва миёна, мизоҷони бузурги корпоративӣ оварда шудааст. Дар заминаи трансформатсияи рақамӣ таҳлили бештар тафриқавии талабот ва афзалиятҳои муштариён гузаронидан бамаврид аст.

7. Ҳангоми таҳлили заминаи меъёрию ҳуқуқии амалиёти бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф бо тавсифи ҳуҷҷатҳои амалкунанда маҳдуд гардид. Ба муаллиф тавсия дода мешавад, ки таҳлили фаъолтари самаранокии онҳоро дохил кунад ва роҳҳои такмили танзимро бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ пешниҳод кунад.

**9. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.** Рисолаи диссертатсионии Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар мавзуи «Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, кори тахассусии мустақиман анҷомёфта, дорои навгониҳои назариявӣ ва амалӣ, дар илму истеҳсолоти ватанӣ татбиқшаванда буда, ба талаботҳои бандҳои 31,32,33 «Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 ҷавобгуй мебошад.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии кори таҳқиқотиро пурра инъикос менамояд.

Аз ин лиҳоз, муаллифи диссертатсия Исҳоқӣ Дилшод Илҳом сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
муовини аввали директори
МД "Маркази миллии патенту иттилоот"-и
Вазораи рушди иқтисод ва савдои
Ҷумҳурии Тоҷиикстон Вализода Ш.Ш.

**Дурустии имзои Вализода Ш.Ш.-ро тасдиқ мекунам:**
сармутахассиси шуъбаи кадрҳои МД ММПИ Раҳимова М.

МАРКАЗИ МИЛЛИИ ПАТЕНТУ ИТТИЛООТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

*Суроға:* *734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, к. Айнӣ 14а*
*Тел: (+992) 985-84-43-59,*
*E-mail: shavkat-2003@mail.ru*